Вокеахои ахири марзӣ миёни Точикистон ва Киргизистон дар расонахо бахсхои калонро ба миён овард. Хаминро бояд гуфт, ки бар пояи маълумот ва хуччатхои расмӣ ин сарзамин сирф сарзамини точикон мебошад.

Мирзошариф Исломиддинов, собик раиси шахри Исфара, ки борхо шохиди ходисахои марзӣ дар ин худуд шудааст, мегӯяд: «Дар асоси санадхои хукукӣ Ворух хеч гох «анклав» набуд ва тамоми каламрави он дар хайати ЧШС Точикистон карор дошт. Бори аввал сархад миёни нохияи Исфара (Точикистон) ва нохияи Ботканд (Киргизистон), он замон вилояти автономии Каро-киргиз дар хайати Федератсияи Россия, бо карори Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии болшевикон, соли 1924 мукаррар гардида буд. Хамон вакт Ворух хеч гуна «анклав» набуд. Рохи рости кушод вучуд дошт, ки Ворухро бо каламрави бокимондаи нохияи Исфара мепайваст».

Санади дигаре, ки «анклав» набудани Ворухро исбот мекунад Карори мачлиси Президиуми Кумитаи Марказии ичроияи ИЧШС аз 4 майи соли 1927 мебошад. Карори мазкур бо Карори Президиуми Кумитаи Марказии ичроияи ЧШС Ӯзбекистон аз 23 майи соли 1927 №15/4 ва Карори Президиуми Кумитаи Марказии ичроияи РАС Киргизистон тахти №27 аз 7 июни соли 1927 ба инобат гирифта шудааст. Ва он гох ба тарви возех муайян гардид, ки Ворух «анклав» нест ва комилан ба нохияи Исфара дохил мешавад. Хамаи ин далел ва хуччатхое мебошанд, ки ханӯз дар замони собик Иттиходи Шӯравӣ тасдики худро ёфта буданд.

Ходисаи чи гуна сохиб шудани киргизхо ба сарзамин мо точикон ин гуна ба миён омадааст: 31 декабри соли 1974 гурӯхе аз киргизхои бо милтикхо мусаллах ба сокинони Ворух хамла карданд ва мунокишаи шадид сар задааст. Дар натича, одамони зиёд аз чониби ЧШС Точикистон мачрӯх шуданд. Дар иртибот ба ин, аз чониби Прокуратураи генералии ИЧШС бо рохбарии Руденко – Прокурори генералӣ, гурӯхи корӣ таъсис дода шудааст. Зимни як мурофиа рохбарияти Иттиходи Шӯравӣ тасмим гирифт, ки кисме аз ин заминхоро ба сокинони минтакаи Ботканд супорад ва бо ин низоъ ором шавад. Мутаассифона, рохбарияти ЧШС Точикистон дар он замон ба ин пешниход розӣ гардид

ва такрибан 300 гектар замин бо инфрасохтори мавчуда ба ихтиёри Киргизистон дода шуд ва киргизхо дархол ба бунёди дехаи Ок-Сойи хозира шурӯъ карданд.

Аммо онхо бояд фаромӯш насозанд, ки мардуми ба ору номуси точик дигарбора ичозат намедихад то сарзамини ачдодияшон аз чониби касе тасарруф шавад.  Мо мардуми шарафманди точик хар вачаб хоки Ватани азизамонро хифз менамоем ва дар ободу зебо гардондани он тамоми кӯшишу гайратамонро ба харч медихем. Хаводиси охири ба вукӯъ пайваста нишон дод, ки миллати точик муттахид буда, барои химояи марзу буми ачдодии хеш омодаанд чони худро нисор намоянд.

Самандар РАЧАБАЛИЗОДА,

омӯзгори факултети сиёсат ва идораи давлатии

ДДБ ба номи Носири Хусрав

https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44252